# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович таҳти мавзӯи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Дар замони муосир вақте, ки аҳолии курраи Замин бо вусъат зиёд шуда истодааст, яке аз масъалаҳои рӯзмарраи ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, ин таъмини маводи хӯрока ва бехатарии он мебошад. Дар рафти иҷрои вазифаҳои масъалаи болозикршуда соҳаи боғдорӣ яке аз саҳаҳои муҳим барои таъмини хӯрока ва пайдо намудани ҷойҳои корӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқлиму хоки мусоид барои боғдорӣ мебошад, хусусан водии Ҳисор. Аз ин лиҳоз, истифодабарии самараноки ҳар як порчаи замин бо мақсади ташкили боғҳои интенсивӣ ва дигар намуди боғҳо яке аз ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Унвонҷӯй Намозов Амонулло Каримхонович кори илмии худро ба ҷудо кардани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ бо мақсади ғанӣ гардонидани коллексияи навъҳои мавҷудбуда бахшидааст.

Унвонҷӯй муқаррар кардааст, ки дар меваҳои навъҳо ва шаклҳои себ дар шароити води Ҳисор миқдори қанд аз 7,5 то 17,3 % ва моддаҳои хушк аз 8,1 то 20,1 % -ро ташкил медиҳад. Инчунин, Намозов А.К. муайян намудааст, ки 5 навъи маҳаллӣ – Гулсеб, Шакарсеб, Чарсаксеб, Тирамоҳӣ, Рауфӣ, 2 навъи воридотӣ – Голден Делишес, старкримсон ва 4 шакли ёбоӣ Ҳ-30, С3, АИ-33, АИ-65, ки дорои хусусияти баланди обнигоҳдорӣ мебошанд, устуворнокиашон ба хушкӣ нисбат ба дигар навъҳо бештар аст. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки даромаднокии истеҳсоли навъҳои себҳои маҳаллӣ (Чарсаксеб ва Тирамоҳӣ) ва навъҳои воридотии Фуджӣ, Ренети Симиренко, Старкримсон ва Айдаред аз 52,0 то 64,2 %-ро ташкил медиҳад.

Дар умум, бояд зикр намуд, ки унвонҷӯй дар рафти иҷрои кори илмии худ усулу услубҳои замонавии соҳавии умумиқабулшударо истифода намудааст ва сохтори автореферат, тартиби баёни мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, таҳлилу хулосаҳо гувоҳии пурра иҷро гардидани мақсадҳои гузошташуда буда, далели кори илмии анҷомёфта мебошад. Инчунин, унвонҷӯй тибқи мавзӯи рисолаи худ 8 маводи илмӣ аз нашр баровардааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати

нашрияҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, шомил мебошанд. Аппробатсияи натиҷаҳо тариқи баромадҳо дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида шудаанд.

Ба матн ва тартиби пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат чунин эрод ҳаст:

- ҳангоми вазифагузорӣ дар рисолаи мазкур **12** вазифа гузошта шудааст, ки ин теъдод барои иҷрои раисолаи номзадӣ ниҳоят бисёр аст.

Азбаски аксарияти вазифаҳо мазмун ва мақсади умумӣ доранд, унвонҷӯй бояд як қисми вазифаҳоро якҷоя менамуд.

Бандҳои автореферати рисолаи Намозов Амонулло Каримхонович таҳти мавзӯи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» ба талаботи «Низомномаи шурои диссертатсиониҳо, Тартиби додани дараҷаҳои илмҳо, Тартиби додани унвонҳои илмҳо ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда", бандҳои 31, 32, 33, таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – «Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ» лоиқ мебошад.

Директори Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон (МИБваТ АМИТ), доктори илмҳои биологӣ (аз рӯи ихтисоси 03.02.14 – захираҳои биологӣ), дотсент Саттаров Ҷамшед Саидович

Суроға:
734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Маркази инноватсионии биология
ва тибби АМИТ, ш. Душанбе,
кӯчаи Карамов 27
т-н: (+992) 224-35-10 (11)
E-mail: jamshed.hvilya@mail.ru

Имзои Саттаров Ҷ.С.-ро тасдиқ менамоям:
нозири ШК МИБваТ АМИТ Усмонова Парвина
15.03.2024 сол